ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ
ба диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисои 6.2.22. Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2026. – 181 с.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт дар таъмини зиндагии инсон ва нигоҳдории мувозинати экологӣ нақши муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди об буда, бо ташаббусҳои байналмилалии худ дар ҳалли масъалаҳои обу иқлим мавқеи муҳим дорад. Дар чунин шароит матбуоти даврӣ метавонад тавассути таҳлилу шарҳи масъалаҳои обу иқлим, инъикоси ташаббусҳои Тоҷикистон ва тарғиби истифодаи оқилонаи захираҳои об ба болоравии маърифати экологии ҷомеа ва муаррифии мавқеи байналмилалии кишвар мусоидат намояд. Диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод ба таҳқиқи нақши гуфтумони расонаии дипломатияи об бахшида шудааст. Бинобар ин, таҳқиқи гуфтумони расонаии дипломатияи об ва хусусиятҳои инъикоси ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Омӯзиши ин мавзуъ имкон медиҳад, ки нақши матбуот дар шарҳи ташаббусҳои дипломатии кишвар, ташаккули афкори ҷомеа ва ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти обу иқлим муайян карда шавад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Дар диссертатсия ба самтҳои таҳқиқи назария ва амалияи журналистика, хусусиятҳои жанрию муҳтавоии матбуоти даврӣ ва нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дахл карда шудааст. Дар таҳқиқ асъалаҳои ташаккули экожурналистика, инъикоси дипломатияи об ва ташаббусҳои ҳифзи пиряхҳо, салоҳияти касбии рӯзноманигорон ва истифодаи шаклҳои муосири пешниҳоди иттилоот баррасӣ мешаванд. Аз ин хотир, мавзуи диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6.2.22 Рӯзноманигорӣ мутобиқат дошта, муҳтавои таҳқиқ пурра дар доираи ихтисоси интихобшуда мувофиқат мекунад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дипломатияи оби Тоҷикистон ҳамчун низоми гуфтумони расонаӣ мавриди таҳлили маҷмуӣ қарор гирифтааст. Дар рисола шеваҳои бозтоби масъалаҳои об, ҳифзи пиряхҳо, тағйирёбии иқлим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар матбуоти даврии тоҷик аз ҷиҳати муҳтаво, забону услуб ва хусусиятҳои жанрӣ муайян шудаанд. Истифодаи таҳлили муҳтаво, усули муқоисавӣ ва таҳлили дискурс имкон додааст, ки ҳам нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳам воситаҳои ташаккули маъно ва муносибати аудитория баррасӣ гарданд. Диссертант нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар чор банд гурӯҳбандӣ намудааст, ки онҳо ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд. Ҳарчанд баъзе аз ин нуктаҳо баҳсталабанд ва мавқеи равшани муаллифро муайян намекунанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Натиҷаҳои таҳқиқ дар заминаи таҷрибаи фаъолияти амалии муаллиф, омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои муътамади илмӣ ба даст омада, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва эътимодбахш мебошанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, маводи воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои интернетӣ ва дигар манбаъҳои марбут ба мавзуъ самаранок истифода кардааст. Истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавӣ ва муҳтавоӣ эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаву натиҷаҳои диссертатсияро таъмин намудааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 181 саҳифаро ташкил медиҳад. Бобу фаслҳои диссертатсия бо ҳам алоқамандии мантиқӣ дошта, якдигарро пурра менамоянд.

Муқаддимаи таҳқиқ мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтору ҳаҷми диссертатсия ва дигар ҷузъҳои заруриро фаро гирифта, мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, «Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия» таҳия ва пешниҳод шудааст.

Боби аввали диссертатсия – «Назария ва методологияи инъикоси масъалаҳои экологӣ ва дипломатияи об дар ВАО» асосҳои назариявии таҳқиқро фаро мегирад.

Фасли аввали боби якум – «Эволютсияи экожурналистика ҳамчун самти махсуси фаъолияти эҷодӣ» унвон дошта, муаллиф ба сабабу паёмадҳои мушкилоти муҳити зист, баланд бардоштани маърифати ҷомеа ва мусоидат ба ҳалли онҳоро баррасӣ кардааст. Муаллиф ин равандро дар чанд марҳала баррасӣ менамояд. Дар марҳалаи ибтидоӣ мавод бештар хусусияти иттилоотию маърифатӣ дошт. Минбаъд, бо афзоиши мушкилоти экологӣ, вазифаи огоҳсозии ҷомеа тақвият ёфт. Дар марҳалаи таҳлилӣ истифодаи маълумоти илмӣ, шарҳи робитаи сабабу натиҷа ва арзёбии таъсири фаъолияти инсон ба табиат аҳаммияти бештар пайдо кард. Марҳалаи муосир бошад, бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, гуногунии шаклҳои пешниҳоди иттилоот ва пайванди масъалаҳои экологӣ бо иқтисод, сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ тавсиф мешавад. Ин марҳалабандӣ дар матн ҳамчун тарҳи умумии фаҳмидани рушди соҳа пешниҳод шудааст.

Қисмати амалии матн ба муқоисаи маводи «Азия-Плюс», АМИТ «Ховар» ва «Садои мардум» бахшида шудааст. Аз рӯйи намунаҳои интихобшуда, муаллиф дар «Азия-Плюс» бештар равиши иттилоотию таҳлилӣ, дар «Ховар» инъикоси мавқеи расмӣ ва ташаббусҳои давлатӣ ва дар «Садои мардум» шарҳи ҳуқуқию маърифатиро мушоҳида мекунад. Ин муқоиса нишон медиҳад, ки як мавзуи экологӣ вобаста ба самти фаъолияти расона аз дидгоҳҳои гуногун пешниҳод мешавад.

Фасли дуюми боби аввал «Мафҳум ва моҳияти дипломатияи об дар дискурси сиёсӣ ва медиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, дар он муаллиф дипломатияи обро ҳамчун падидаи бисёрҷанба баррасӣ намуда, робитаи онро бо сиёсати хориҷӣ, амнияти минтақавӣ, ҳифзи муҳити зист ва фаъолияти воситаҳои ахбори омма шарҳ медиҳад. Меҳвари баҳсро андешае ташкил медиҳад, ки ҳалли масъалаҳои об ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳо, густариши ҳамкорӣ ва таъмини ҷомеа бо иттилооти саҳеҳу фаҳморо тақозо мекунад.

Муаллиф тавзеҳ медиҳад, ки дар гуфтумони сиёсӣ масъалаи об бештар тавассути мавқеъгириҳои давлатӣ, ташаббусҳои байналмилалӣ ва санадҳои расмӣ матраҳ мегардад, дар ҳоле ки расонаҳо вазифаи шарҳи моҳият ва аҳаммияти ҷамъиятии ин масъалаҳоро иҷро мекунанд. Аз ин дидгоҳ, ВАО ҳамчун воситаи ташаккули фаҳмиши ҷомеа, муҳокимаи масъалаҳои об ва баланд бардоштани маърифати экологӣ арзёбӣ мешавад.

Дар зимн, ба ҷойгоҳи Тоҷикистон дар пешбурди ташаббусҳои байналмилалии об ва ҳифзи пиряхҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Муаллиф ин ташаббусҳоро бо таҳкими эътибори байналмилалии кишвар ва густариши ҳамкориҳои илмию сиёсӣ мепайвандад. Баррасии таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳавзаҳои алоҳидаи Ховари Миёна низ имкон медиҳад, ки дипломатияи об дар заминаи муқоисавӣ тавзеҳ ёфта, вобастагии он аз шароити сиёсӣ, механизмҳои музокирот ва тарзи идоракунии захираҳо нишон дода шавад. Ҷадвалҳои муқоисавӣ ба низомнокии пешниҳоди ин масъалаҳо мусоидат мекунанд.

Арзиши зерфасл барои таҳқиқоти рӯзноманигорӣ бо таваҷҷуҳ ба сифати инъикоси масъалаҳои об зоҳир мегардад. Муаллиф маҳдуд шудани маводи расонаиро бо бозгӯии хабару изҳороти расмӣ масъалагузорӣ намуда, зарурати таҳлили амиқ, истифодаи маълумоти илмӣ, ҷалби коршиносон ва пешниҳоди дидгоҳҳои гуногунро таъкид мекунад. Мулоҳизаҳо оид ба омодасозии рӯзноманигорони соҳавӣ, дастрасии иттилоот ва истифодаи имконоти расонаҳои рақамӣ низ аҳаммияти амалии баҳсро тақвият медиҳанд.

Дар фасли сеюми боби якум – «Хусусиятҳои ташаккули рӯзномаи экологӣ дар матбуоти даврии муосир» омилҳо ва механизмҳои ба маркази таваҷҷуҳи расонаҳо ворид гардидани масъалаҳои муҳити зист баррасӣ шудааст. Мафҳуми «рӯзномаи экологӣ» ҳамчун маҷмуи мавзуъҳо ва масъалаҳои афзалиятноки экологӣ тавзеҳ ёфта, робитаи он бо сиёсати давлатӣ, фаъолияти нашрияҳо, талаботи аудитория ва рушди технологияҳои иттилоотӣ нишон дода мешавад.

Хусусиятҳои ташаккули рӯзномаи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба захираҳои об, обшавии пиряхҳо ва ташаббусҳои байналмилалии кишвар шарҳ дода мешаванд. Муаллиф таъсири сиёсати давлатӣ ва чорабиниҳои байналмилалиро ба интихоби мавзуъҳои матбуот баррасӣ карда, ҳамзамон, масъалаи гуногунандешӣ ва истифодаи сарчашмаҳои мухталифи иттилоотро ба миён мегузорад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки таваҷҷуҳи расонаҳо аксаран ҳангоми баргузории конфронсҳо, эълони ташаббусҳои расмӣ ё рух додани офатҳои табиӣ афзоиш меёбад. Дар ҳамин замина, зарурати пайгирии мунтазам ва дарозмуддати масъалаҳои экологӣ матраҳ мегардад.

Ҳамчунин, таъсири расонаҳои рақамӣ ва иштироки аудитория дар ташаккули рӯзномаи экологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар матн имконоти шабакаҳои иҷтимоӣ барои пешниҳоди масъалаҳои маҳаллӣ ва густариши муҳокимаи ҷамъиятӣ тавзеҳ ёфта, зарурати санҷиши дурустии маълумот ва баланд бардоштани саводи медиавӣ таъкид мешавад. Андешаҳои муаллиф доир ба ҳамкории рӯзноманигорон бо олимон ва муассисаҳои таҳқиқотӣ низ аҳаммияти амалӣ доранд. Чунин ҳамкорӣ метавонад ба шарҳи саҳеҳи маълумоти илмӣ ва пешниҳоди фаҳмои он ба хонанда мусоидат намояд.

Дар боби дуюми диссертатсия «**Вижагиҳои жанрӣ ва муҳтавоии инъикоси ташаббусҳои глобалии ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик**» махсусияти жанрӣ дар инъикоси масоили глобалии ҳифзи пиряхҳо баррасӣ гардидааст.

Дар фасли аввали боби дуюм – «Таҳлили қиёсии жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ ҳангоми инъикоси мавзуъ» муаллиф хусусиятҳои инъикоси масъалаҳои дипломатияи об ва ҳифзи пиряхҳоро аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, интихоби манбаъ ва таъсир ба аудитория баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки жанрҳои хабарӣ асосан ба пешниҳоди фаврии рӯйдодҳо ва ташаббусҳои расмӣ равона шуда, жанрҳои таҳлилӣ сабабу паёмадҳо ва робитаи масъалаҳои экологиро бо равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ шарҳ медиҳанд.

Муаллиф бартарии матолиби хабариро дар инъикоси мавзуъ нишон дода, густариши таҳлили мустақил, истифодаи манбаъҳои гуногун ва тавзеҳи маълумоти илмиро барои баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа муҳим мешуморад. Муқоисаҳои пешниҳодшуда ва ҷадвали ҷамъбастӣ ба равшан гардидани вазифаҳои ҳар ду гурӯҳи жанрӣ мусоидат мекунанд.

Фасли дуюми боби дуюм «Воситаҳои тасвири бадеӣ ва оммавии инъикоси мушкилоти обшавии пиряхҳо» унвон дошта, муаллиф нақши образ, ташбеҳ, муқоиса, саволҳои риторикӣ ва мисолҳои ҳаётиро дар фаҳмондани масъалаҳои мураккаби экологӣ баррасӣ менамояд. Ҳамчунин, аҳаммияти сарлавҳа, акс, инфографика ва шарҳи маълумоти оморӣ дар баланд бардоштани таъсирбахшии маводи расонаӣ тавзеҳ ёфтааст.

Дар зимн, зарурати ҳамоҳангии дақиқияти илмӣ, содабаёнӣ ва образнокиро таъкид менамояд. Модели пешниҳодшудаи табдили иттилоот ба матни дастраси рӯзноманигорӣ низ арзиши методӣ дорад.

Фасли сеюми боби дуюм «Нақши матбуоти соҳавӣ ва минтақавӣ дар тарғиби ташаббусҳои вобаста ба иқлим» ном дошта, вазифаҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва маърифатии нашрияҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар он матбуоти соҳавӣ ҳамчун воситаи шарҳи илмии масъалаҳои иқлим ва матбуоти минтақавӣ ҳамчун пайвандгари

ташаббусҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо ниёзҳои маҳаллӣ тавзеҳ ёфтаанд. Таваҷҷуҳ ба робитаи ҳифзи пиряхҳо бо таъмини об, кишоварзӣ, энергетика ва пешгирии офатҳои табиӣ аз ҷанбаҳои муҳимми фасли мазкур мебошад.

Ҳамчунин, муаллиф номунтазамии инъикоси мавзуъ, бартарии маводи хабарӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба манбаъҳои илмиро баррасӣ карда, тақвияти ҳамкорӣ бо коршиносон, банақшагирии мавзуӣ ва истифодаи шаклҳои муосири пешниҳоди иттилоотро пешниҳод менамояд. Инчунин, дар ин фасл имконоти матбуоти соҳавию минтақавӣ барои баланд бардоштани маърифати экологӣ ва ҷалби ҷомеа ба ҳалли масъалаҳои иқлимӣ мушаххас карда шудааст.

Боби сеюм «Мушкилот, тамоюлҳо ва дурнамои тақвияти гуфтумони расонаии ҳифзи пиряхҳо» унвон гирифта, мушкилоти касбӣ ва салоҳиятнокии рӯзноманигорон дар инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ, инчунин, имконоти ҳамгироии медиавӣ ва истифодаи инфографикаву лонгрид барои ҷалби аудитория баррасӣ шудааст. Ҳамзамон, дурнамо ва стратегияҳои такмили инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани сифати муҳтаво ва тақвияти огоҳии экологии ҷомеа муайян гардидааст.

Дар фасли якуми боби сеюм – **«Камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигорон дар инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ»** муаллиф омилҳои таъсиргузор ба сифати матолиби экологиро баррасӣ кардааст. Норасоии донишҳои тахассусӣ, такяи бештар ба манбаъҳои расмӣ, заъфи таҳлили мустақил ва ҳамкории нокифоя бо муассисаҳои илмӣ аз мушкилоти асосии муайяншуда мебошанд. Ҳамчунин, таъсири маҳдудияти вақт, захираҳои редаксионӣ ва душвориҳои истифодаи истилоҳоти илмӣ ба дақиқиву фаҳмоии матнҳо шарҳ дода мешавад.

Ҷанбаи муҳимми ин фасл дар пайваста баррасӣ шудани салоҳияти инфиродии рӯзноманигор ва шароити фаъолияти редаксия зоҳир мегардад. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили ихтисос, тақвияти робитаи илм ва расонаҳо, санҷиши манбаъҳо ва истифодаи воситаҳои муосири пешниҳоди иттилоот аҳаммияти амалӣ доранд. Дар баробари ин, мушаххас намудани заминаи омории фоизҳои овардашуда ва коҳиш додани такрори андешаҳо метавонист асоснокӣ ва пайдарҳамии баёни илмиро тақвият бахшад.

Фасли дуюми боби сеюм **«Ҳамгироии медиавӣ ва истифодаи шаклҳои муосир (инфографика, лонгрид) барои ҷалби аудитория»** ном дошта, имконоти пешниҳоди мултимедиявии масъалаҳои экологӣ, бахусус, ҳифзи пиряхҳо баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ нақши ҳамоҳангии матн, тасвир, видео, диаграмма ва харитаҳои интерактивиро дар осон намудани дарки маълумоти мураккаб ва ҷалби таваҷҷуҳи аудитория тавзеҳ медиҳад. Ҳамзамон, маҳдудияти захираҳои молиявию техникӣ, норасоии малакаҳои касбӣ ва банақшагирии нокифояи таҳияи маводи мултимедиявӣ ҳамчун монеаҳои рушди ин раванд дар расонаҳои тоҷик зикр мегарданд.

Дар пажуҳиш самаранокии шаклҳои муосир ба саҳеҳии иттилоот, амиқии таҳлил, пайвастагии мантиқии унсурҳо ва мутобиқати онҳо ба ниёзҳои аудитория таъкид мсегардад. Хулосаҳои пешниҳодшуда барои такмили журналистикаи экологӣ ва баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа арзиши амалӣ доранд.

Дар фасли сеюми боби сеюм – «Дурнамо ва стратегияҳои такмили инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик» роҳҳои беҳтар намудани бозтоби мавзуъ баррасӣ гардидааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба гузариш аз инъикоси рӯйдодӣ ба баррасии мунтазаму таҳлилӣ, гуногунсозии манбаъҳои иттилоот, тақвияти ҳамкорӣ бо олимону коршиносон ва истифодаи имконоти мултимедиявӣ равона шудааст. Ҳамчунин, зарурати пайвастани масъалаи ҳифзи пиряхҳо бо амнияти об, энергетика ва ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ таъкид мегардад.

Пешниҳоди модели марҳалавии такмил ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии фаъолияти расонаҳо қобили таваҷҷуҳ мебошад. Пешниҳодҳои муаллиф аҳаммияти амалӣ дошта, метавонанд барои банақшагирии кори редаксияҳо, баланд бардоштани сифати маводи экологӣ ва ташаккули маърифати экологии ҷомеа истифода шаванд.

Хулосаи диссертатсионии Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар 8 банд ҷамъбаст шуда, ишора ба таълифоти илмии муаллиф дурустии хулосаҳои пешниҳодшударо асоснок менамояд.

Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ дар густариши омӯзиши дипломатияи об ҳамчун мавзуи рӯзноманигорӣ ва муайян кардани роҳҳои муассири инъикоси он дар расонаҳо ифода меёбад. Аз ҷиҳати назариявӣ, натиҷаҳои таҳқиқ ба омӯзиши сохтори гуфтор, тарзҳои ташаккули маъно ва воситаҳои таъсиррасонӣ дар матолиби экологӣ мусоидат намуда, барои такмили назарияи дискурси расонаӣ, таҳлили матни публитсистӣ ва журналистикаи соҳавӣ замина фароҳам меоранд.

Ҳамчунин, аз ҷиҳати амалӣ хулоса ва тавсияҳои таҳқиқ метавонанд дар фаъолияти расонаҳо, хадамоти матбуотӣ, марказҳои таҳлилӣ, таълими рӯзноманигорӣ ва такмили ихтисоси кормандони ВАО истифода шаванд. Инчунин, барои беҳтар намудани сифати матолиби марбут ба дипломатияи об, истифодаи саҳеҳи истилоҳот, рушди жанрҳои таҳлилӣ ва самаранок ба роҳ мондани иртиботи ниҳодҳои давлатӣ бо ҷомеа судманданд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар шакли 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ интишор ва муаррифӣ гардидаанд. Мазмуни маърӯзаю мақолаҳо ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқро инъикос менамоянд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсия ва автореферати Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар асоси Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории

диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ доштани диссертатсия, дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар бахши «Дараҷаи омӯзиши илмии мавзуъ» вазъи таҳқиқи масъала ба таври кофӣ ва равшан шарҳу тавзеҳ наёфтааст. Муаллиф асосан бо зикри номи муҳаққиқон иктифо намуда, мушаххас накардааст, ки онҳо дар кадом асарҳои худ ба кадом ҷанбаҳои мавзуи мавриди таҳқиқ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Мувофиқи мақсад мебуд, ки дар ин бахш осори муҳаққиқон ба таври васеъ таҳлилу арзёбӣ гардида, дастовардҳои асосӣ, масъалаҳои ҳалношуда ва саҳми ҳар як муҳаққиқ дар омӯзиши мавзуъ муайян карда шаванд.

2. Дар фасли якуми боби дуюм, ки «Таҳлили қиёсии жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ» унвон дорад, истифодаи маводу матолиби мушаххас ва муқоисаи онҳо ба тақвияти ҷанбаи таҳлилии таҳқиқ мусоидат мекард. Хуб мебуд, ки муаллиф дар асоси намунаҳои мушаххас хусусиятҳои жанрӣ, умумияту тафовут ва шеваҳои баёни матолиби хабарӣ ва таҳлилиро равшан нишон медод.

3. Агар дар фасли дуюми боби дуюм воситаҳои тасвири бадеӣ дар заминаи маводу матолиби мушаххаси нашрияҳо таҳлилу баррасӣ мешуданд, ҷанбаи амалии пажуҳиш тақвият меёфт.

4. Боби сеюм ба масъалаҳои мубрами рушди журналистикаи муосир бахшида шудааст. Бо вуҷуди аҳаммияти мавзуъҳои матраҳшуда, таҳлили онҳо ба баррасии амиқ ва далелҳои мушаххас ниёз дорад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар заминаи маводу матолиби мушаххаси нашрияҳо зарурати омӯзиш ва истифодаи технологияҳои муосир, омодасозии кадрҳои соҳавӣ, ҳамгироии медиавӣ ва шаклҳои гуногуни инфографикаро таҳлилу арзёбӣ менамуд.

5. Муаллиф зимни таҳлил ва тақвияти андешаҳои худ бештар ба осори муҳаққиқони хориҷӣ такя кардааст. Бо дарназардошти аҳаммияти мавзуъ, истифода ва арзёбии муқоисавии пажуҳишҳои муҳаққиқони ватанӣ низ метавонист заминаи назариявӣ ва ҷанбаи илмии таҳқиқро ғанӣ гардонад. Ҳамзамон, ҳангоми истинод ба андешаҳои муаллифон дар бисёр маврид танҳо вожаи «коршинос» истифода шудааст, ки нисбат додани он ба ҳамаи шахсони мавриди истинод на ҳамеша дақиқу асоснок мебошад. Беҳтар мебуд, ки номи пурра, соҳаи тахассус ва мақоми илмии муҳаққиқон вобаста ба зарурат ба таври мушаххас зикр мегардид.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, дар умум, моҳият ва арзиши илмию амалиии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи

пиряхҳо» кори илмии мустақилона, баанҷомрасида ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, ба меъёру муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихитсои 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои филологӣ,
муовини сармуҳаррири
Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» Охунзода Н.
12 ноябри соли 2026.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126
Тел.: (+992) 93-100-45-00.
E-mail: nasriokhun@mail.ru

Имзои Охунзода Насруддинро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси кадрҳо, корӯзорӣ
ва назорати иҷрои Нашрияи
рӯзномаи «Омӯзгор» Талибова Р. К.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126.
Телефон: (+992-37) 225-81-56.
E-mail: n.omuzgor@maorif.tj
12 ноябри соли 2026.